**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзӯи « Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01– Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷума ба яке аз масъалаҳои муҳими илми назарияи давлат ва ҳуқуқ равона карда шуда, дар он ифода меёбад, ки, ноустувории иҷтимоие, ки дар ибтидои давраи пасошӯравӣ дар ҷомеаи тоҷик дар шуури одамон ба вуҷуд омада буд, якбора паст шудани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии мардум боиси тақсим шудани рафтори онҳо ба ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ тақсим гардид, ки имрӯз танзими рафтори ҳуқуқии инсон хеле назаррас аз ҳаёти имруза ақиб мемонад.

Дар таърихи нави рушди давлатдории миллии тоҷик ва расмиёти ҳуқуқии он соли 2024, соли маърифати ҳуқуқи эълон намудан, ки ба мавзуи имруза алоқаманди дорад ва ҳамчун санаи сиюмин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хотирмон дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28 декабри соли 2023 қайд шудааст, ки «Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем».

Дар ҳақиқат ноустувории иҷтимоие, ки дар ибтидои давраи пасошӯравӣ дар ҷомеаи тоҷик дар шуури ҳуқуқи ва маърифати ҳуқуқии одамон ба вуҷуд омада буд, якбора паст шудани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии мардум боиси тақсим шудани тамоми рафтори онҳо ба ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ мубаддал гардид. Аммо, имрӯз инчунин танзими ҳуқуқӣ аксар вақт расман чун пештара боқӣ монда бошад ҳам, лекин хеле назаррас аз ҳаёт ақиб мемонад. Чунин вазъият то андозае аз набудани

пешгӯиҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок нисбат ба маърифати ҳуқуқи ва рафтори ҳуқуқӣ, зуҳуроти эҳтимолии он дар вазъи тағйирёфтаи иҷтимоию сиёсии кишвар, дар шароити нави иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ асос меёбад, ки бо равандҳои воқеии марбут ба масъалаи рафтори ҳуқуқии инсон муайян карда мешавад, он пеш аз ҳама бо он асоснок мегардад, ки дар он мақсади ниҳоии тамоми танзими ҳуқуқӣ - таҷассуми меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёт ба даст оварда мешавад.

Масъалаи рафтори ҳуқуқӣ пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки дар он мақсади ниҳоии тамоми танзими ҳуқуқӣ - таҷассуми қойдаҳои ҳуқуқӣ, ба мисли шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва дар ҳаёти инсони бо доштани маърифати ҳуқуқӣ ба даст оварда мешаванд. Ин масъала дар давраи дигаргунсозии иҷтимоие, ки ҷомеаи моро фаро гирифтааст, вақте ки ба таври воқеӣ вайроншавии бештари намунаҳои институтсионалӣ ва меъёрии рафтори ҳуқуқӣ ба амал меояд, ҳадафҳо, арзишҳо ва воситаҳои қобили қабули татбиқи талаботи иҷтимоӣ дар ҷомеа тағир ёфта, қоидаҳои нави рафтор ва ҳамкории мутақобилаи ҳуқуқӣ муқаррар мешаванд, муҳимияти махсус пайдо мекунад. Чунин вазъият то андозае аз набудани пешгӯиҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок нисбат ба рафтори ҳуқуқӣ, зуҳуроти эҳтимолии он дар вазъи тағйирёфтаи иҷтимоию сиёсии кишвар, дар шароити нави иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ асос меёбад,

Аз ин лиҳоз, мубрам будани мавзӯи таҳқиқотӣ диссертатсионии Мирзозода Шаҳло Ҷума дар он ифода мегардад, ки ҳанӯз дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, ки ба масъалаҳои вобаста ба танзими масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон, равона карда шудааст, дар шароити муосир дар баробари мушкилоти гуногуни башарият, рафтори ҳуқуқӣ дар бунёди давлати ҳуқуқбунёд ҳамчун кафил баромад карда, дар ҳаёти ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври хеле гуногун зоҳир мегардад. Амалҳои қонуниро аз рӯи бисёр аломатҳо ва меъёрҳо тасниф кардан мумкин аст: вобаста ба субъект, аз рӯи соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз рӯи мансубияти соҳавии меъёрҳо, вобаста ба шаклҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ, аз рӯи хусусияти талаботи қонеъ гардонидашуда, аз рӯи хусусияти ангезаҳои бартаридошта, аз рӯи дараҷаи ихтиёрӣ, аз рӯи арзиши иҷтимоӣ ва натиҷаҳои муҳими ҷамъиятӣ, вобаста ба хусусият ва мазмуни шуури ҳуқуқӣ, дараҷаи фаъолият, шакли зуҳурот ва ғайра.

Дар робита ба воқеияти ҳуқуқӣ бояд қайд кард, ки маънои ҳаёти инсон на танҳо дар қонеъ кардани ниёзҳо, балки муҳимтар аз ин, дар имконияти баланд бардоштани қобилияти худ ва рушди минбаъдаи онҳо мебошад. Муқаррар кардани ҳадди имконпазир ҳамчун муҳаррики

фаъолият хизмат мекунад. Аз ин рӯ, маромнокии ҳуқуқӣ ба хусусиятҳои ангезаи инсонӣ ва он чизе, ки дар асоси он - қобилият ва манфиатҳои шахс қарор дорад, комилан мувофиқ аст. Воқеияти ҳуқуқии имрӯз ҳануз ҳам аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар рафтори қонунии шахс дар сатҳи зершуури он, на тамоми аҳолии Тоҷикистон талаботи қонунҳои дахлдорро, ки дар рафтори қонунии ангезаи инсонӣ инъикос ёфтаанд, риоя карда метавонанд.

Таҷассуми талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар рафтори қонунии воқеии субъектҳои коллективӣ ва алоҳида, шарти зарурии субот ва тартибот дар ҷомеа, рушди ниҳодҳои иҷтимоӣ ва ғайра мебошад. Ин аст, ки рафтори ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳавасманд карда мешавад. Ҳуқуқ бо истифода аз ҳавасмандкуниҳои барои ҷомеа амалҳои фоиданок, барои пурратар қонеъ гардондани манфиатҳои субъектҳо заминаҳо ба вуҷуд меоварад. Ҳавасмандгардониҳои ҳуқуқӣ ба қонеъ гардонидани манфиатҳои шахс мусоидат намуда, барои фаъолият, ташаббус, соҳибкории ӯ доираи васеъ фароҳам оварда, ба рафтори ҳуқуқӣ мусоидат намуда, барои ӯ низоми мусоид фароҳам меорад.

Дар баробари падидаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, ангезаҳои ҳуқуқӣ ва рафтори қонунии инсон дар зери таъсири омилҳои объективӣ ва субъективӣ ташаккул меёбанд, ки дар он инъикоси на танҳо муносибати мусбат нисбат ба қонун, воқеияти ҳуқуқӣ ё умуман низоми ҳуқуқӣ хос аст. Инъикоси манфии зуҳури рафтори ғайриқонунии шахс ин худшиносии шахс ба ҷуз боварии аз ҳад зиёд ба озодии мутлақ ва иҷозатдиҳӣ ба ҳама кор, чизе дигаре нест ва натиҷаҳои манфии иҷтимоии он ин ё амал ё беамалие мебошад, ки манфиатҳои қонунии аъзои ҷомеаро поймол ва ё вайрон мекунанд.

Аҳамияти ҳуқуқии мушкилоти баррасишаванда дар таҳияи роҳҳои ҳавасмандгардонии рафтори қонунии корманд мебошад, илова бар ин, мафҳумҳои асосии аз рӯи ин мавзӯъ таҳияшуда имкон медиҳанд, ки рафтори қонунии корманд дар ҳуқуқи меҳнатӣ таҳлили амиқтар карда шаванд.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Шаҳло Ҷума, ин таҳлил ва ошкор намудани мушкилотҳои назариявӣ ва амалии ташаккули рафтори қонунӣ ва ғайриқонунии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тафаккури сиёсию ҳуқуқие, ки ба таври муназзам ба ҷамъбаст намудани таҷрибаи таърихӣ даъват карда шудааст, бешубҳа, он равандҳои ҷаҳонишавиро, ки имрӯз инсоният дучори он аст, ҳатто дар раванди рафтори қонунию ғайриқонунии он пурра пешгӯӣ карда натавонист.

Ниҳоят, шиддатнокӣ, умқ ва самти динамикаи тартиботи муқарраршуда низ аз аксуламали оммаи васеъ ба дигаргуниҳои он, ки давлат аз боло ба амал мебарорад, вобаста аст. Ба ин равандҳо воситаҳои ахбори омма, ҳам давлатӣ ва ҳам хусусӣ, ҳам дохилӣ ва ҳам берунӣ фаъолона таъсир расонида метавонанд, махсусан таъсирҳои нави техникаи иттиллооти ва омилҳои иқтисодӣ низ ниҳоят бузург аст. Дар баробари ин маврид ба андозаи муайяни шартӣ сарфи назар кардан лозим аст, зеро ягонагӣ ва муборизаи ҷонибҳои муқобил дар реҷаҳои амалан мавҷуда, дар марҳалаҳои алоҳида шояд ба ҳолати мувозинати нисбӣ, таносуби қуввахо ва манфиатҳо, ки дар марҳалаи ҳозира тавассути воситаҳои демократӣ ҳал карда мешаванд, оварда расонад. Ин низом дар фазои холӣ вуҷуд надорад, балки вобаста ба муҳити мушаххаси ҳар як кишвар бо мундариҷаи воқеӣ пурра мешавад. Ворид ва дар айни замон васеъ кардани мафҳумҳои маъно ва аҳамият имкон медиҳад, ки сохтори фаъолият, сохтори ниёзҳои инсон, ангезаҳои ӯро ба мавзӯи таҳлили мушаххаси психологӣ табдил дода, фарқияти байни доираи шуур, тафаккур, доираи ангеза ва эҳтиёҷот бартараф карда шавад.

Аз ин лиҳоз, мубрам будани мавзӯи таҳқиқотӣ диссертатсионии Мирзозода Шаҳло Ҷума дар он ифода мегардад, ки ҳанӯз дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ вобаста ба масъалаҳои маромнокии рафтори қонунии инсон мавриди таҳқиқи илмӣ-назариявии олимон, ҳуқуқшиносон, равоншиносону файласуфони ватанию хориҷӣ қарор нагирифтааст. Инчунин дар робита ба омили ангеза чун падидаи иҷтимоъӣ дар Тоҷикистон, то ҳол таҳқиқи ҳамаҷониба ва ё ҳамчун пажӯҳиши монографӣ сурат нагирифтааст.

Масъалаҳое, ки мавзӯи кори пешниҳодшударо фаро мегиранд ҳамеша ҷолибият ва аҳамияти масъалаи рафтори қонуниро ифода мекунанд, пеш аз ҳама, ба он асоснок карда мешаванд, ки дар он ҳадафи ниҳоии тамоми танзими ҳуқуқӣ - таҷассуми меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёт, афкори ҳуқуқии рафтори ҳуқуқии инсон вобаста ба аҳамияти бунёдии он, ба даст оварда мешавад. Аз рӯи шакли зуҳур рафтори ҳуқуқӣ метавонад амал ё беамалӣ бошад. Вобаста ба масъалаи далелҳои ҳуқуқӣ, амалҳои ҳуқуқӣ ба санадҳои ҳуқуқӣ ва амалҳои ҳуқуқӣ тақсим мешаванд. Санадҳои ҳуқуқӣ амалҳоеро дар бар мегиранд, ки ифодаи ирода мебошанд, ки шуурона ба муқаррар кардан, тағир додан ё қатъ кардани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо нигаронида шудаанд, яъне онҳо бо мақсади ба вуҷуд овардани оқибатҳои ҳуқуқӣ содир карда мешаванд. Ба инҳо санадҳои алоҳидаи идоракунии маъмурӣ, созишномаҳои шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ, ариза

ва шикоятҳои шаҳрвандон, сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, кирдорҳои ҷиноятӣ, қарору таъиноти суд ва ғайра дохил мешаванд. Аз ҳама муҳим дар санадҳои ҳуқуқӣ самти ифодаи ирода ба оқибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин рӯ, нуқсонҳои ирода (иштибоҳ, зуҳуроти ирода дар натиҷаи зӯроварӣ ва ғайра) боиси нуқсони санадҳои ҳуқуқӣ (беэътибор, беаҳамиятӣ ё баҳсталабии онҳо) мегардад. Аз ин рӯ, танҳо санадҳои эътиборнок бояд ба сифати ҳуқуқӣ ҳисобида шаванд.

Унвонҷӯ Мирзозода Шаҳло Ҷума, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионро аз асосҳои омӯзиш ва ҷамъбасти ҳамаҷонибаи тадқиқоти назариявӣ-ҳуқуқии шаклу воситаҳои гуногун, таъмини шароити муътадили мавҷудият ва инкишофи шахсият, озод будан дар доираи ҳуқуқӣ, таъсир расонидан ба таҳия ва қабули қонунҳо, дар шахсияти давлат ҳимоятгарро дидан, иштироки фаъоли шахс дар муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва ғайра иборат мебошад.

Унвонҷӯ, барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда таҳқиқоти илмӣ-ҳуқуқии доираи васеи фикру мулоҳизаҳои олимони ватанию хориҷиро омухтааст, ки як қатор вазифаҳо ҳал карда шаванд, аз ҷумла; таснифи рафтори ҳуқуқӣ ва ангезаҳои асосии он, омузиши рафтори ҳуқуқӣ ва ҳавасмандкунӣ, баррасии тадбирҳои пешгирикунандаи рафтори ғайриҳуқуқӣ, таҳлили мафҳум ва нақши ангеза дар ҳавасмандкунии ҳуқуқӣ, таҳлили ҷанбаҳои назариявии ташаккули ҳавасмандагардонии ҳуқуқӣ, мушкилотҳои назариявӣ, равонию иҷтимоӣ ва амалии ҳавасмадгардонии рафтори ҳуқуқии инсон, таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба пешгирии ангезаи рафтори ҳуқуқии инсон равона гардидаанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқотии унвонҷӯ Мирзозода Шаҳло, пеш аз ҳама, аз он иборат мебошанд, ки кори илмии мазкур аввалин кори характери монографидошта дар илми муосири тоҷик доир ба масъалаи зикргардида мебошад, ки аз рӯи интихоби мавзӯъ ва ҳам бо равиши таҳқиқи он, бо назардошти коркарди масъалаҳои дахлдори проблемавӣ муайян карда мешавад. Аз ҷумла, дар доираи кор кӯшиши таҳияи модели оптималии назариявӣ-ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст, ки он дар илми ҳуқуқи ватанӣ аввалин шуда таърифи падидаи рафтори ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқии инсон, сохтор, намуд ва хусусиятҳои онро ҳамаҷониба ва мунтазам таҳқиқ карда шудааст.

Диссертант дар асоси навовариҳои илмии мавзеъҳои алоҳида ва натиҷаҳои илмии тадқиқот як қатор муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои нави назариявӣ оид ба такмили механизми ташаккул, рушд ва рафъи

деформатсияи рафтори ҳуқуқии инсон, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, таҳия кардааст.

Унвонҷу Мирзозода Шаҳло нишон медиҳад, ки асоси назариявии рисола муқаррароти илмӣ, модели назариявии баррасишуда ва ташаккулёфтаи тафсири механизми ташаккул ва рушди рафтори ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ баромад мекунанд, ки маҷмӯи томи фаъолияти унсурҳои интиқоли ғояҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ба моликияти рафтори ҳуқуқӣ табдил додани онҳоро, ифода мекунад.

Дар тадқиқоти диссертатсионии мазкур унвонҷӯ на танҳо кӯшиши эҳёи мавзӯи масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори қонунии инсон, балки таҳияи равишҳои нави решакан кардани ҷинояткорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ сурат гирифтааст. Дар асоси пайгирӣ, омӯзиш ва таҳлил, инчунин аз нав дида баромадани як қатор муқарраротҳои назариявӣ, ки умуман устувор, балки аз ҷиҳати консептуалӣ нав ҳисобида мешаванд, механизмҳои муассир, аз ҷумла дар шароити муосир, маҳз муҳими ташаккул ва рафъи мушкилоти инҳирофшудаи маронокии рафтори қонунии инсон пешниҳод карда шудаанд.

Дар тадқиқоти диссертатсионӣ муқаррароти илмӣ-назариявии тадқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи назарияи умумии ҳуқуқ, фалсафаи ҳуқуқ, психологияи ҳуқуқӣ, сиёсатшиносӣ, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба динамикаи нишондиҳандаҳои миқдории ҷиноятҳо, шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, инчунин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқи истифода бурда шудаанд. Аҳамияти амалии тадқиқот дар он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар он ифодаёфта метавонанд дар рафти такмили минбаъдаи механизми ташаккули рафтори ҳуқуқӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва фаъолияти субъектҳои таъсиррасонӣ истифода шаванд (мақомотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ).

Унвонҷӯ Мирзозода Шаҳло ба рисола нуқтаҳоеро пешниҳод намудааст, ки дар тадқиқот кушиши маҷмуии омӯзиши масъалаи моҳият ва мазмуни раванди ташаккули рафтори ҳуқуқӣ ва натиҷаҳои он барои дарк ва таҳлили минбаъдаи илмию назариявии ин мушкилот, ба роҳ монда шудааст.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки дар асоси омӯзиши васеи маводҳои илмӣ ва амали, натиҷаҳои илмие, ки дар рисола баён шудаанд, ба тадқиқоти мустақили муаллиф асос ёфтаанд, ки аҳамияти илмӣ, назариявӣ ва амалӣ доранд. Дар ҷараёни кор дар тадқиқоти диссертатсионӣ рисоланавис асосҳои консептуалӣ-назариявӣ ва таъиноти масъалаи ташаккул ва такмили механизми рафтори ҳуқуқиро, ки метавонад дар рушди таълимоти ватании назарияи ҳуқуқ саҳми муҳим дошта бошад, амиқ таҳлил кардааст.

Унвонҷӯ Мирзозода Шаҳло пешниҳод менамояд, ки ҳангоми муқаррар кардани мазмуни муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бевосита ба он алоқаманд, ки маҷмӯи онҳо барои як корфармо тартиби ҳуқуқиро ташкил медиҳад, тамоми қувваи усулҳои таъсиррасонӣ ба иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ пурра зоҳир мегардад, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои риояи интизоми меҳнат аз ҷониби кормандон, ҳавасмандгардонӣ, чораҳои таъсири интизомӣ, сарфи назар аз он, ки онҳо дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун усулҳои таъмини интизоми меҳнат муқаррар нашудаанд.

Дар баробари ин, дар кори илмии анҷомдодаи Мирзозода Шаҳло, навгониҳои илмӣ ва пешниҳодҳо баҳри кушиши маҷмуии омӯзиши масъалаи моҳият ва мазмуни раванди ташаккули рафтори ҳуқуқӣ ва натичаҳои он барои дарк ва таҳлили минбаъдаи илмию назариявии ин мушкилот, ба роҳ монда шудааст. Ҷамъбаст, таҳлил ва дарки нави назариявии масъалаҳои проблемавии дар рисола баррасишуда, арзиши назариявии тадқиқотро муайян мекунанд. Таҳқиқоти илмии унвонҷӯ Мирзозода Шаҳло, ва пешниҳодҳои ӯ дар навгониҳои илмӣ мубрамияти мавзӯи диссертатсияро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи он нишон медиҳанд.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 31,33-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Мирзозода Шаҳло Ҷума қобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ-эҷодӣ, таҳлилӣ, асоснок намудани фикру ақида ва мавқеи шахсии хешро доро мебошад, ки ҳамаи ин гуфтаҳо барои пурра ва ҳаматарафа мавриди таҳқиқ ва омӯзиши илмӣ қарор додан ва дар ин замина, ҷамъбаст намудани таҳқиқоти мавзӯи диссертатсионӣ мусоидат намудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳи дониши мукаммал ва васеи назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалӣ доштани унвонҷӯ доир ба ихтисоси

интихобкардааш мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзӯи: «Масъалаҳои назариявии ҳавасмандгардонии рафтори ҳуқуқии инсон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01– Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, пешниҳод шудааст, тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
Сарходими илмии Институти фалсафа,
сиёсатшинсӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоир Ҷ.М.

Имзои Зоир Ҷ.М.-ро тасдиқ менамоям.
Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти
фалсафа,сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмонзода Б.А.

20.05.24

**Суроғаи ҷойи кор:** 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33
**Тел:** +992 985 03 85 85
**E-mail:** zoirov2009@mail.ru